**Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**
**Хулосаи машваратҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷавонон ва доираҳои илмии вилояти Хатлон**

**11 феврали соли 2026**
**Маҷлисгоҳи меҳмонхонаи "Леваканд", шаҳри Бохтар, вилояти Хатлон**

Машваратҳо оид ба Стратегияи ҳамкорӣ бо кишвар (CPF) барои солҳои 2026-2031, ки аз ҷониби Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд, бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ), ҷавонон ва доираҳои илмӣ дар баргузор гардиданд. Иштирокчиён (рӯйхат дар Замима оварда шудааст) дар мавриди афзалиятҳои стратегия, эҳтиёҷот ва мушкилиҳои кунунӣ ва беҳтарин роҳҳои ноил шудан ба таъсири дарозмуддат фикру мулоҳизаҳо ва тавсияҳои худро пешкаш намуданд.

**<u>Масъалаҳои асосии баррасишуда:</u>**

**Дастрасии ТҶ ба имкониятҳои маблағгузорӣ/харид ва истифодаи зарфияти мутахассисони маҳаллӣ**

Иштирокчиён аз байни ТҶ дар бораи он, ки солҳои охир имкониятҳои ба даст овардани грантҳо ва маблағгузорӣ барои ТҶ коҳиш ёфтааст ва дар амал шартномаҳои калон аксари вақт бо ширкатҳои машваратии хориҷӣ баста мешаванд ва он ки бо вуҷуди донистани шароитҳо дар маҳал ТҶ маҳаллӣ танҳо аз ҳиссаи хурди шартномаҳо баҳра мебаранд, нигаронии худро изҳор намуданд. Пешниҳоди мушаххас дар мавриди таҳия намудани лотҳои харид бо сатрҳои махсус барои ТҶ ба монанди сафарбарнамоии аҳолӣ ва кор бо он дар ҷойҳо, гузаронидани омӯзиш ва мусоидат дар сатҳи маҳаллӣ баён карда шуд. Ба гуфтаи иштирокчиён ташкилотҳои маҳаллӣ дорои дониши нисбатан амиқ дар бораи ҷамоаҳо буда, нисбат ба паймонкорони беруна таҷрибаи бештари кор доранд ва имконияти иштироки бевосита дар ҷузъҳои дахлдол бояд ба онҳо дода шавад. Иштирокчиён борҳо аҳамияти ҷалби мутахассисони маҳаллӣ ва тренерҳоро таъкид намуда, қайд карданд, ки агар шароит, анъанаҳо ва тарзи тафаккури (менталитети) маҳаллӣ ба назар гирифта нашавад, омӯзиши байниминтақавӣ на он қадар самарабахш хоҳад буд.

Кормандони Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ (ГБҶ) қудрати таҷрибаи маҳаллиро эътироф карда, нияти баррасии он, ки чӣ гуна лоиҳаҳо метавонанд ташкилотҳои маҳаллӣ ва мутахассисонро дар доираи механизмҳои амалкунандаи татбиқи онҳо самараноктар истифода баранд, иброз намуданд.

**Рақамикунонӣ ва навовариҳо: вусъатдиҳии технологияҳои рақамӣ ва инкишофи малакаҳо**

Иштирокчиён зарурати сармоягузорӣ аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ дар технологияҳои рақамӣ, густариш ва татбиқи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз он ҷумла беҳсозии таҷрибаҳо дар соҳаи кишоварзӣ, муҳити зист, маориф ва дигар соҳаҳои калидӣ таъкид намуданд.

Инчунин онҳо аҳамияти таҳкими дониши техникӣ ва амалӣ бо ҳамгироии технологияҳои рақамиро қайд намуда, диққати ҳозиринро ба камбудиҳо дар омӯзиши махсусгардонидашуда ва касбӣ, аз он ҷумла дар самти баланд бардоштани малакаҳои иқтисодӣ ҷалб намуданд ва ба таҳияи барномаҳои муассир баҳри беҳтар омода намудани қувваи корӣ ба талаботи муосири бозори меҳнат даъват ба амал овrouted.

**Маҳдудиятҳои зерсохторӣ ва афзалиятҳои маҳаллӣ: роҳҳо, энергетика ва хизматрасониҳои коммуналӣ**

Иштирокчиён нигаронии худро дар мавриди ҳолати иншоотҳои зерсохтор дар деҳот иброз намуданд, аз ҷумла: (1) сифати пасти роҳҳои дохилӣ/маҳаллӣ дар муқоиса бо роҳҳои магистралӣ ва дастрасии душвор ба нуқтаҳои аҳолинишин; (2) норасоии нерӯи барқ ва мушкилиҳои алоқаманд бо гармидиҳӣ, ки ба гуфтаи посухдиҳандагон, ба саломатии одамон таъсири манфӣ мерасонанд; (3) дархостҳо барои таваҷҷуҳи бештар ба зерсохтор ва хизматрасониҳои коммуналӣ дар минтақаҳо.

Махсусан иштирокчиён нигаронии худро дар бораи идоракунии партовҳо дар ш. Бохтар ва манотиқи гирду атрофи он изҳор намуданд ва пурсиданд, ки чӣ тавр афзалиятҳои ин стратегия метавонанд ба рушди иқтисоди сабз ва ташаббусҳои экологӣ мусоидат кунанд. ТҶ омодагии худро барои саҳмгузорӣ тавассути минтақабандии ҷамоаҳо, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дастгирӣ дар татбиқи лоиҳаҳо дар сатҳи маҳаллӣ иброз доштанд.

Баъзе аз иштирокчиён таъсисдиҳӣ ва ҷалби гурӯҳҳои кориро барои арзёбии эҳтиёҷот дар ҷойҳо пешниҳод намуданд, ҳамзамон, ҷамоаҳо дар гузаронидани таҳлил ва ҳамоҳангсозӣ ёрии худро пешниҳод карданд.

Кормандони ГБҶ қайд намуданд, ки машваратҳои мазкур нахустин буда, вохӯриҳои минбаъда барои ба даст овардани фаҳмиши беҳтар дар бораи лоиҳаҳои мавҷуда ва алоқаи онҳо бо эҳтиёҷоти маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

**Муҳоҷират, дастгирии шуғл ва имкониятҳои ҳадафманд барои занон**

Иштирокчиён фишори афзоишёбандаи алоқаманд бо тамоюлҳои муҳоҷират ва депортатсия аз он ҷумла мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиеро, ки бо онҳо муҳоҷирони баргашта, махсусан занон рӯ ба рӯ мешаванд, таъкид карданд. Онҳо ба андешидани чораҳои мақсадноки дастгирӣ барои мусоидат ба ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ва беҳтар

кардани дастрасӣ ба имкониятҳои шуғл ва дастгирии манбаъҳои устувори воситаҳои рӯзгузаронӣ дар сатҳи маҳаллӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои гендерӣ даъват намуданд.

Кормандони ГБҶ лоиҳаи амалкунандаро дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғл зикр намуданд, ки он дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад ва ба дастгирии муҳоҷирони бекори бозгашта тавассути омӯзиши касбӣ, инкишофи малакаҳо ва мусоидат ба соҳибкорӣ нигаронида шудааст.

**Пешгирии зӯроварӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ва масъалаҳои марбут ба паноҳгоҳҳо**

Намояндаи ташкилоти занон дар бораи таҷрибаи васеи дастгирии қурбониёни зуроварӣ дар оила (хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ) нақл кард ва масъалаи монеаҳои доимӣ, аз он ҷумла набудани маблағгузории устувор барои паноҳгоҳҳо ва хизматрасониҳо, инчунин зарурати ҳамоҳангсозии зич бо сохторҳои давлатӣ ва доноронро барои ниҳодӣ кунонидани дастрасӣ ба миён гузошт.

Иштирокчиён афзалиятҳои васеътарро дар самти пешгирӣ (масалан, издивоҷи барвақт тавассути омӯзиш/саводнокӣ ва дастгирии иҷтимоӣ) низ қайд карданд ва дар баробари ин таъкид намуданд, ки бидуни механизмҳои устувори маблағгузорӣ имкониятҳои кунунии ТҶ маҳдуданд.

Иштирокчиён мушкилиҳои иҷтимоӣ дар байни ҷавонон, аз ҷумла зӯроварӣ ва шаклҳои зараровари рафторро қайд намуданд ва дар сатҳи ҷамоаҳо ташаббусҳоро пешниҳод карданд, ки омӯзиш, ташкили сохторҳои ихтиёрӣ ва ҳамкорӣ бо равоншиносон/кормандони иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ба пешниҳодҳо эҳё ё мутобиқсозии маводҳои таълимии қаблан истифодашуда ва ташкили намунаҳои маҳаллии хизматрасониҳо дохил мешаванд.

**Замима:**

| **Шумораи иштирокчиён:** | **Ташкилотҳои иштироккунада:** |
|---|---|
| 37 иштирокчӣ | • Ташкилоти ҷамъиятии “Мактаби ихтиёриён”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Маъюбони Тоҷикистон”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Парвози парасту”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Ахтари бахт”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Сино”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Фидокор”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Томирис”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Ғамхорӣ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Рушд”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Бонувони Хатлон”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Афиф”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Тақвият ва тавоноӣ”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Меҳнатобод” |

| | |
|---|---|
| | • Ташкилоти ҷамъиятии “Ҳунар ва рушд”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Дилшод”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Ҳамроз”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Меҳрангез”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Дилафрӯз”<br>• Ташкилоти ҷамъиятии “Оқгаза”<br>• Кумитаи маҳаллаи “Баҳор”<br>• Бунёди милии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон<br>• Донишгоҳи давлатии ш. Бохтар<br>• Коллеҷи давлатии тиббӣ<br>• Донишгоҳи байналмилалии “Левакант”<br>• Коллеҷи хусусии “Даъво”<br>• Ҳуқуқшиносони мустақил<br>• Маҷаллаи “Хатлон”<br>• ТВ “Ҷаҳоннамо” |